*«Ба қуллаҳои дониш»,*
*14 январи 1960, с. 2*

**Дар маҳфилаи адабиёт**

Ба қарибӣ ҷамъомади навбатии маҳфилаи адабиёти тоҷик барпо гардид. Дар он маърӯзаи донишҷӯи синфи дуйӯми филологияи тоҷик Абдунабӣ Сатторов дар мавзӯи «Санъати ташбеҳ дар девони ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ» муҳокима карда шуд. Кӯшиши аввалияи маърӯзачӣ дар тадқиқоти илмӣ бомуваффақият баромадааст.

Рафиқ Сатторов, - гуфт Нозир Қулматов дар баромади худ, соҳиби қобилияти муҳаққиқӣ буда, аз ӯҳдаи навиштани маърӯзаи илмӣ ба хубӣ баромадааст.

Баромадкунандагон дар қатори комёбиҳо камбудиҳои ҷузъии маърӯзаро низ хотиррасон намуданд, ки аз ҷумла мунтазам риоя накардан ба тартиби нақшаи кор, баъзе масъалаҳои забонӣ мебошад.

Муҳокимаро номзади фанҳои филологӣ рафиқ Неъматзода ҷамъбаст намуда, ба кори маърӯзачӣ баҳои мусбат дод.

Баъди муҳокима ҷамъомадагон аз рӯи қарори маҳфила ва кафедраи адабиёти тоҷик 48 нафар аъзоёнро, ки ба ҳаёти маҳфил фаъолона иштирок намекунанд, аз аъзоӣ хориҷ намуданд. Аксарияти хориҷшудагон аз синфҳои болоӣ мебошанд. Инчунин қарор карда шуд, ки онҳо билети аъзоиро ҳатман баргардонанд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**
**сардори маҳфила**